# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба рисолаи илмии Нурматова Нигора Латифовна мавзуи “Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ(дар мисоли муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур”), ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-ичтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи ичтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

Пешравии ҷомеа ва рушди ичтимоӣ-иқтисодии он тавъам ба низоми таҳсилот вобаста аст, зеро маърифатмандӣ ва рушди зеҳнии шахсият, талош ба эҷодкорӣ ва маҳорати ҳалли вазифаҳои ғайричашмдоштро маҳз низоми таҳсилоти муташаккил ҳал карда метавонад. Рушди зеҳн бевосита ба соҳаи ҳавасмандию мотиватсияи шахсият, ба талаботи ботинӣ ва манфиатҳои ӯ, ба воситаҳои ташаккули зеҳн вобаста аст, ки дар навбати худ аз пешниҳоди мазмуни маводи таълим ва корҳои беруназдарсӣ, аз методҳои пешниҳоди онҳо, аз ташкили фаъолияти фикрӣ, роҳандозии эҳсосоти мусбат дар фаъолияти хонандагон иборат мебошанд.

Бамаврид аст қайд намоем, ки зеҳн, хусусан дар синну соли мактабӣ нисбатан бошиддат инкишоф меёбад. Дар рушди зеҳн тафаккур нақши пешбаранда мебозад, ки аз қобилияти ба таври умумӣ ё абстракт инъикос карда тавонистани воқеият, аз фаҳмиши амиқи асл (ҷавҳар) ва сабаби ҳодисот (зуҳурот) иборат аст. Рушди зеҳн ба чунин равандҳои равонии маърифат, ба монанди ҳис кардан, дарк кардан, диққат, хотир, хаёл, тасаввур ва нутқ вобаста аст. Инкишофи фикр (тафаккур) дар навбати худ ба тағйирёбии сифатии дарк ва хотир, ба равандҳои идорашаванда ва озод будан оварда мерасонад.

Дар алоқамандӣ ба андешаҳои иброзгардида актуалӣ будани мавзуи интихобнамудаи Нурматова Нигора Латифовна дар мавзӯи “Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ(дар мисоли муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур”) муайян карда мешавад.

Аз нуқтаи назари муҳаққиқ масъалаҳои вобаста ба роҳу усулҳои ташхиси лаёқатмандии кӯдакон, муносибати педагогиву психологии дахлдор бо онҳо, истифодаи методикаи самараноки таълими хонандагони болаёқат, самтҳои асосии ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои таълиму тарбияи хонандагони болаёқат ва омода

намудани омӯзгорон барои кор бо чунин хонандагон ҳанӯз кам омӯхташуда боқӣ мондаанд. Инчунин, омӯзиш ва таҳқиқи шароитҳои педагогии ташаккулёбии қобилиятҳои кӯдакони боистеъдод дар раванди таълим ва дигар масъалаҳое, ки бо лаёқатмандии кӯдакон алоқамандӣ доранд, таҳқиқоти алоҳидаи илмиро тақозо менамоянд.

Бо дарки ҳамин нукта муаллифи диссертатсия кӯшиш намудааст, ки зимни таҳқиқоти илмӣ мазмуни мафҳуми лаёқамандиро кушода диҳад. Азҷумла, қайд менамояд, ки инкишофи лаёқатмандӣ фароҳам овардани шароити оптималии тарбия ва таълимро дар назар дорад. Лаёқатмандӣ барои он муайян карда мешавад, ки ба кӯдакони дорои лаёқат таълими мувофиқ дода шавад. Лаёқатмандӣ на танҳо маҷмӯи хусусиятҳои равонӣ ва сифатҳои шахсӣ, балки ҳамчун системае маънидод карда мешавад, ки дар маҷмуъ равони инсонро тавсиф мекунад.

Аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсионии Нурматова Нигора Латифовна дар он аст, ки он бо назардошти талаботи замони муосир ташаккул ва рушди салоҳиятҳои умумӣ ва фаннии хонандагони болаёқат дар ҷараёни таҳсилоти иловагӣ муайян карда шудаанд. Аз лиҳози илмӣ барои ташхис ва ошкор сохтани истеъдоди кӯдакон таносуби мафҳумҳои лаёқатмандӣ ва қобилиятҳо муайян гардида, меъёр ва роҳҳои рушди зеҳни хонандагон зимни машғулиятҳои таълими иловагӣ муайян шудаанд. Инчунин, самаранокии ташкили механизми ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар таълими хонандагони болаёқат аз лиҳози илмӣ асоснок карда шудааст.

Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти амиқи назариявию амалӣ буда, ҷанбаҳои педагогии ташаккули низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна ва асосноксозии самаранокии истифодаи он аз тариқи баргузории таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ ошкор ва асоснок гардидааст.

Муаллифи диссертатсия Нурматова Н.Л. мақсади таҳқиқот ва фарзияи онро дуруст муайян карда, барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ ҳаллу фасли проблемаҳои муҳимро ба монанди: ҷустуҷӯ, муайянсозӣ ва асосноккунии роҳу усулҳои самараноки ҳалли проблемаи муайян намудани самтҳои асосии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар самти таълиму тарбияи хонандагони болаёқат ва ҷустуҷуи роҳу усулҳои инкишофи қобилиятҳои зеҳнии онҳо, коркарди меъёрҳо ва принсипҳои асосии таҳияи барномаҳои махсусгардонидашудаи таълимӣ барои хонандагони болаёқат дар асоси ҳамгироии низоми таҳсилоти иловагӣ бо таҳсилоти умумиро ба роҳ монда, модели самарабахши педагогии ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагиро бо муассисаҳои таҳсилоти

умумӣ дар самти таълиму тарбияи хонандагони болаёқат тахия намудааст. Бояд қайд намоем, ки довталаб дар ҳалли ин проблема ва вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштааш ноил гаштааст.

Зикр намудан бамаврид аст, ки муаллифи диссертатсия барои таҳқиқ фарзияи илмии рисоларо ба таври воқеъбинона хеле дуруст ва нишонрас муайян карда, ошкор намудааст, ки дарёфту рушди қобилияти хонандагони боистеъдод ва таълиму тарбияи онҳо дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ самаранок хоҳад буд, ки агар низоми таҳсилоти иловагӣ бо назардошти талаботи ҷомеа эҳтиёҷоти таълимии ҳар хонандаи болаёқатро бо назардошти хусусияти фардӣ таъмин карда тавонад, низоми таълиму тарбияи хонандагони болаёқат дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ тарзе ба роҳ монда шавад, ки мазмуни таҳсилоти миёнаи умумиро пурра гардонида тавонад.

Муҳаққиқ хеле бамаврид муайян намудааст, ки манфиатҳои хонандагон бояд дар раванди ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо мақсади ташаккули қобилияти эҷодии хонандагони боистеъдод равона шуда бошад. Дар ин раванд муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ба ташаккул ва рушди қобилияти зеҳнии хонандагони болаёқат мусоидат намоянд. Бинобар ин, бояд шароити педагогии ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар самти такмили ихтисос ва баландбардории маҳорати касбӣ таъмин гардад.

Пас аз овардани муқаддима масъалаҳои назариявиву амалии марбут ба кори таҳқиқотӣ дар ду боб ва зерфаслҳои алоҳида тақсим шуда, таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммияти мавзӯи таҳқиқшаванда собит карда шуда, доир ба маводи таҳқиқ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, навгониҳои илмии диссертатсия, равиши таҳқиқи мавзӯъ, манобеи пажӯҳиш ва сатҳи эътимоднокӣ ва коркарди мавзӯъ маълумоти мушаххас оварда шудааст

Боби якуми диссертатсия **“Низоми самарабахши ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди қобилияти хонандагони болаёқат”** ба масъалаҳои педагогиву иҷтимоии шахсияти “кӯдаки болаёқат” дар илмҳои педагогика ва психология, аҳамияти таҳсилоти иловагӣ дар дарёфт ва рушди қобилияти хонандагони болаёқат ва махсусияти таълими хонандагони болаёқат дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дахл доранд.

Муаллиф дар фасли аввали боби якуми қайд менамояд, ки ба масъалаи таълиму тарбия ва муносибати шоиста ба кӯдакони боистеъдод дар афкори ниёгони халқи тоҷик таҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст. Масъалаҳои шавқу ҳаваси кӯдак ба омӯзиши илму дониш ва сайқал додани маҳорату

малака ва тарбияи хислату сиришти неки инсонӣ дар таълимот ва педагогикаи ниёгон мавқеи хоса дорад ва таъкидҳои бешумори онҳо барои иломӯзиву донишазхудкунӣ ва касбу ҳунаромӯзиӣ равона карда шудаанд.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда нишон медиҳанд, ки дар сурати дуруст ба роҳ мондани кор бо хонандагон ташхису ошкор намудан ва муайян намудани қобилияти хонандагон имконпазир мебошад. Дар ин самт махсус қайд мегардад, ки ҳар хонанда дорои қобилият мебошад ва вазифаи омӯзгор ин муайян намудани он ва кӯмак расонидан дар рушди қобилиятнокии хонанда мебошад. Чунин қобилиятҳо умумӣ ва махсус мешаванд, ки дар байни онҳо қобилияти ақлонӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Дар муассисаҳои таълимӣ маҳз тавассути муайян намудани қобилияти ақлонӣ хонандагони болаёқат дарёфт карда шудаву байни онҳо тафовут гузошта мешаванд.

Ташаккули нерӯи зеҳнии дорои ҷанбаи эҷодӣ, навовариву ихтироъкорӣ ва рақобатпазир гардонидани тафаккури шахсият аз овони кӯдакӣ ва наврасӣ, яъне аз боғчаи кӯдакон ва мактаби миёна оғоз гардида, дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ тақвият меёбад. Афзалияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар он зоҳир мегардад, ки машғулиятҳо дар онҳо дар асоси барномаҳои таълимиву тарбиявӣ, нақшаҳо ва воситаҳои таълимиву тарбиявӣ бо истифодаи шакл ва усулҳои муосири таълим аз ҷониби омӯзгорон (роҳбарони маҳфилҳо) ва мутахассисон мустақилона ташкил карда мешаванд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ин талаботи хонандагонро танҳо дар доираи таҳсилоти умумӣ қонеъ гардондан мумкин нест. Таълими базавӣ ба таҳсилоти иловагӣ, ки яке аз омилҳои муайянкунандаи инкишофи майлу қобилият ва манфиатҳои шахс, худмуайянкунии иҷтимоӣ ва касбии ӯ буд ва мемонад, бештар ниёз дорад.

Дар боби дуюми диссертатсия “**Низоми самарабахши ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди қобилияти хонандагони болаёқат”** бахшида шуда, дар он муаллиф қайд менамояд, ки бо дарназардошти фароҳам гардидани тамоми шароити зарурӣ барои омӯхтани илму дониш дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ зарур аст, ки барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим чораҳои амалӣ андешида шуда, дар ин раванд муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ низ бояд фаъолона ширкат варзанд. Бо ин мақсад ҳар як падару модар масъулияти худро дар самтии таълиму тарбияи фарзандон дарк намуда, онҳоро дар баробари таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчунин барои таълими иловагӣ ба муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ сафарбар намоянд.

Беҳтар намудани сатҳу сифати таҳсилот, васеъ намудани ҷаҳонбинӣ ва ташаккули шахсияти хонандагон вазифаи асосии омӯзгорони муассисаҳои

таҳсилоти умумӣ ба ҳисоб рафта, ҳамзамон дар баробари онҳо кормандони педагогии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ низ масъулияти калон доранд. еханизми ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин роҳандозӣ намудани таҳсилоти иловагиро дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси санадҳои меъёрӣ таҳия гардида, бо ин мақсад барномаҳои махсуси таълимӣ бояд тасдиқ карда шаванду, ҷараёни амалӣ гардидани он таҳти назорати ҷиддӣ қарор дода шавад.

Корҳои озмоишӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалӣ мураттаб шудааст ва истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи таълим бешак ба ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва маърифатию эҷодии хонандагони синфҳои болоӣ муосидат хоҳад кард.

Таҳлилу баррасии зимни таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастовардаи унвонҷӯ Нурматова Нигора Латифовна аз он шаҳодат мудиҳанд, ки фарзияҳои аз ҷониби муаллифи диссертатсия пешниҳодшуда тасдиқи амалии худро ёфтаанд.

Натиҷаи мушаххаси илмӣ: навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ. Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи диссертатсия асосҳои педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди истеъдодҳо муайян карда, аҳамияти гирифтани онро дар ташаккул ва рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда намудааст. Бо назардошти талаботи педагогиву психологӣ низоми таълиму тарбияи хонандагони болаёқат дар машғулиятҳои таълими иловагӣ таҳия гардид, модели ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар мисоли фаъолияти Муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур” коркард ва пешниҳод шудааст.

Дар ҷамъ, ҳамаи онҳоро дар шакли корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ татбиқ намуда, дар ин замина пешниҳоду тавсияҳоро барои истифода бурдан дар амал пешниҳод кардааст.

Метавон гуфт, ки таҳқиқоти анҷододаи унвонҷӯ Нурматова Нигора Латифовна дар ин самт пажӯҳиши мукаммали илмӣ буда, масъалаи марказӣ дар ташкили низоми педагогии ҳамкории Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ноҳияи Шоҳмансур дар самти кор бо хонандагони лаёқатманд ин таъмини ҳавасмандгардонии шахсият ба омӯзиш ва ба маънои васеъ – барои

омӯзиш ва ташаккулёбӣ ба ҳисоб меравад. Аз нигоҳи муҳаққиқ яке аз моделҳои самарабахши ҳамкории Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ин ноҳия ва ҳамзамон яке аз роҳҳои баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилоти хонандагон, ҷалби онҳо ба илмомӯзии мустақилона, ихтироъкорию эҷодкорӣ ҳавасманднамудани онҳо барои иштирок дар даврҳои гуногуни олимпиадаҳои фаннӣ низ ба шумор меравад. Айни замон дар ҷумҳурӣ дар муқоиса бо солҳои қаблӣ шумора ва намуди олимпиадаҳои фаннӣ зиёд гардида, сол то сол теъдоди иштирокчиёни онҳо афзуда истодаанд.

Дар идома муҳаққиқ қайд менамояд, ки ҳуҷҷати асосӣ барои ташкили раванди таълим бо хонандагони лаёқатманд барномаи таълимӣ мебошад. Мундариҷаи он асосан аз рӯи ду меъёр арзёбӣ мешавад: 1) маҷмӯи соҳаҳои таълимӣ; 2) умқи омӯзиши онҳо. Илова бар ин, ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ талаботҳои зерин ба назар гирифта мешаванд: 1) гурӯҳбандӣ (тақсим кардани) барномаҳои таълимӣ аз рӯи самт; 2) тақвияти вазифаҳои таҳқиқотии таълим; 3) фароҳам овардани шароит барои рушди тафаккури расмӣ-мантиқӣ ва эҷодии хонандагони муассисаи таълимӣ; 4) қобилияти интихоб кардан. Низоми дидактикии рушди истеъдодҳои хонандагон дар марказ аз инҳо иборат аст: ташхиси психологӣ ва омӯзгорӣ, интихоби кадрҳои педагогӣ, мундариҷаи мусоиди барномаҳои таълимӣ, усулҳо ва шаклҳои таълими фаъол, назорати ислоҳӣ ва худидоракунӣ.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлили мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, фарзия, предмет, вазифа ва мантиқи таҳққот мувофиқанд, мувофиқ карда шуданд. Илова бар ин, натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ва маҷмуаи маводи конференсияҳо дар шакли мақола ва фишурдаҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

Муаллифи диссертатсия Нурматова Н.Л. тавассути доир намудани дарсҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ исбот намудааст, ки истифодаи усулҳои психологию педагогӣ дар раванди таълим аҳамияти махсусро доро буда, ба ташаккули маҳорату малакаҳои фаъолнокии маърифатӣ, фикрронии мантиқиву интиқодӣ, эҷодкориву таҳлил ва муоширату баёни озоди андешаи хонандагон мусоидат менамоянд. Аз ин лиҳоз метавон хулоса кард, ки муаллифи диссертатсия дониши хуби назариявӣ дошта, дорои қобилияти таҳлилу таҷзия намудани натиҷаҳои таҳқиқот аст, андешаву назари илман асосноки худро пешниҳод намудааст, ки ба ҳаллу фасли масъалаҳои асосии фаъолияти таълимии Марказ барои кӯдакони

лаёқатманд,фароҳам овардани шароит барои рушди ҳавасмандӣ ба дониш, эҷодкорӣ, ташаббуси зеҳнӣ ва шахсии хонандагон мониторинги натиҷанокии рушди кӯдакон; давомнокии омӯзиш равона шудаанд.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии ҷиодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот ба талабот ҷавобгӯ мебошад. Автореферати диссертатсия дар сатҳи зарурӣ таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ аст ва доир ба моҳияти таҳқиқотии гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф тасаввуроти аникро бозгӯ мекунад. Мақолаҳои ба нашр расонидаи унвонҷӯ муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки дар баробари дастовардҳои илмии назариявию амалии муҳаққиқ Нурматова Н.Л., дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе камбудӣ ва норасоӣ ба назар мерасад:

1. Мебоист баррасӣ ва таҳлили натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ дар доираи рисолаи диссертатсионӣ овардашуда ва мубрамияти амалии модели таҳиягардида дар мисоли фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагии «Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур» зимни муқоиса бо дигар Марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи шаҳри Душанбе низ пешниҳод мегардид. Дар ин маврид арзиши амалии таҳқиқот боз ҳам афзунтар мегардид.

2. Дар диссертатсия ва фишурдаи он корҳои илмии олимону муҳаққиқони ватанӣ, ки ба мавзӯи таҳқиқотӣ бахшида шудаанд, ба кадри кофӣ таҳлилу баррасӣ нагардидаанд. Ҳоло он ки ин манбаъҳо дар руйхати адабиёт оварда шудаанд.

3. Хулосаи умумии рисолаи диссертатсионӣ дар ҳаҷми кам ифода ёфтааст, ки мазмуни пурраи онро ба пуррагӣ фаро гирифта наметавонад. Лекин тавсияҳо барои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ба таври васеъ пешниҳод гардидаанд.

4. Новобаста аз мутобиқати умумии возеҳии забони рисола, риояи меъёрҳои услубӣ, қоидаҳои пунктуатсия ва имло, дар рисола ва автореферат хатогиҳои имлоӣ, услубӣ ва нуқсонҳои техникӣ мавҷуданд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи илмии Нурматова Нигора Латифовна дар мавзуи “Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ(дар мисоли муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур”) дар ҳудуд ва миқёси мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводи заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Диссертант аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоти

мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Нурматова Нигора Латифовна мавзуи “Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ(дар мисоли муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур”), кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳкиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Нуқтаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Нурматова Нигора Латифовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илми педагогӣ, профессори
кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва
гуманитарии Консерваторияи миллии
Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов
15.09 2023 Латифзода Диловар Назришоҳ

Маълумот барои тамос: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, маҳ. Испечак 2, М.ЗО, х.1. хуҷ.3. Тел.: 907-07-02-44.
E-mail: dilovarl @mail.ru

Имзои Д.Н. Латифзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Консерваторияи миллии
Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов Партовов Ф.